## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Яке аз сабабҳое, ки бонкҳоро ба суғуртакунӣ водор месозад, афзоиш ва васеъшавии доираи қарзҳои батаъхирафтода ва мушкилситон мебошад, ки боиси муфлисшавии бонкҳо дар ҷумҳурӣ мегардад. Истифодаи суғурта дар амалияи алоҳидаи бонкӣ барои идора кардани як қисми хавфҳои бонкӣ зарур аст ва илова бар ин имкон медиҳад, ки доираи маҳсулоти бонкии пешниҳодшаванда васеъ карда шавад. Бояд гуфт, ки камбудии назарраси истифодаи суғурта дар амалияи бонкӣ афзоиши арзиши маҳсулот барои мизоҷ ва ё хароҷоти иловагии бонк мебошад. Бо вуҷуди ин, бонке, ки хавфҳои худро суғурта мекунад, дар бозори байнибонкӣ бартарӣ пайдо карда, дараҷаи обрӯи корӣ ва эътимодро ҳам дар байни муассисаҳои молиявӣ ва ҳам аз ҷониби мизоҷони худ боло мебарад.

Маҳз масъалаҳои номбурда муҳимияти интихоби мавзуи таҳқиқотиии диссертантро ба миён гузоштааст.

Султонов Мусулмон Субҳонович соли 2012 факултети иқтисодиро аз рӯйи ихтисоси муносибатҳои иқтисоди байналхалқӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро хатм намуда, айни ҳол омӯзгори кафедраи молияи донишгоҳи номбура мебошад. Унвонҷуи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба шумор меравад.

Муқаррароти назариявӣ ва методологии диссертатсия, объект, мавзӯъ, навгониҳо ва муҳтавои асосии диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович ба бандҳои зерини 7.1.Тамоюлоти ҳозиразамони ташкил ва амалкарди низоми суғурта ва бозори хадамоти суғуртавӣ; 7.2. Асосҳои назариявӣ ва методологии пешгӯйӣ ва мониторинги рушди суғурта ва бозори хизматрасонии суғурта; 7.5. Рушди низоми суғурта ва бозори суғурта дар шароити кунунӣ; 10.1. Ташаккули системаи бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.5. Устувории системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.16. Системаи мониторинг ва пешгӯйикунии таваккалҳои бонкии Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар раванди таҳқиқот Султонов Мусулмон Субҳонович худро ҳамчун шахси меҳнатдуст ва қавиирода муаррифӣ намуд. Дар иҷрои кори илмию таҳқиқотӣ, ҳамчун таҳқиқгари ҷиддӣ дар ҷамъоварӣ ва омӯзиши таҳияи

мақолаҳои илмӣ, обаста ба мавзӯи диссертатсионӣ мустақилят нишон дода, 10 мақолаи илмӣ ба чоп тавсия намуд, ки аз онҳо 7 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расиданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки унвонҷӯ Султонов М.С. дар кори диссертатсионӣ асосҳои назариявии суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкиро мавриди омӯзиш қарор дода, вазъияти имрӯзаи суғуртакунонӣ ва ҳолати идоракунии хавфу хатарҳои онро дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудааст. Ҳамчунин Султонов М.С. тавонистааст роҳҳои асосии такмилдиҳии суғуртакунонӣ хавфу хатарҳои бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Умуман кори диссертатсионӣ сохтори хуби мантиқӣ дошта, мақсад ва вазифаҳо дууруст тарҳрезӣ гардида, унвонҷӯ Султонов М.С. тавсияҳои илман асоснок таҳия кардааст.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзӯи « Суғурта дар низоми идоракунии хавфу хатарҳои бонкӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), аз рӯи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ** **Назирӣ Гулбаҳор Назир**
*суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 38/1,*
*телефон: (9) 600 – 32 - 10; (+992) 92 - 779 -19 – 36,*
*E-mail: TGN_1970@mail.ru.*

имзои Назирӣ Г.Н. –ро
тасдиқ мекунам:
сардори Идораи кормандони
Бонки миллии Тоҷикистон Сайдвалиева Озода Сайднабиевна